# 07 00 00 ИЛМҲОИ ТАЪРИХ ва АРХЕОЛОГИЯ
# 07 00 00 ИСТОРИЧЕСКИЕ НАУКИ и АРХЕОЛОГИЯ
# 07 00 00 HISTORICAL SCIENCES and ARCHEOLOGY

## 07 00 02 ОТЕЧЕСТВЕННАЯ ИСТОРИЯ
## 07 00 02 HOME HISTORY

***УДК 910.1:930.2***
***ББК 63.218***

***НАҚШИ МАЪБАДҲОИ ЗАРДУШТӢ ДАР ТАШАККУЛИ ТОПОНИМИЯИ СУҒД***

***Аюбов Абдусалом Рауфович*** *д.и.т, мудири кафедраи таърихи умумӣ ва диншиносии МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»;* ***Ваҳобова Гулҷаҳон Қаҳрамоновна,*** *магистранти курси якуми факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ «ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров» (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***РОЛЬ ЗОРОАСТРИЙСКИХ ХРАМОВ В СЛОЖЕНИИ ТОПОНИМИИ СОГДА***

***Аюбов Абдусалом Рауфович,*** *д-р ист.наук, зав. кафедрой общей истории и религиоведения ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова";* ***Вахобова Гулджахон Кахрамоновна****, магистрант 1-го курса ф-та истории и права ГОУ "ХГУ имени акад. Б. Гафурова" (Таджикистан, Худжанд)*

***THE ROLE OF ZOROASTRIAN TEMPLES IN THE FORMATION OF SUGHD TOPONYMY***

***Ayubov Abdusalom Raufovich,*** *Dr.of History, chief of the department of universal history and religious knowledge under SEI "KSU named after academician B. Gafurov;* ***Vahobova Guldjakhon Kahramonovna,*** *1 st year claimant for master's degree of the faculty of history and law under SEI "KSU named after academician B. Gafurov (Tajikistan, Khujand)* ***E -MAIL:*** *abdusalom-1@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *номшиносии таърихӣ, топонимҳо, зардуштия, парастиш, маъбад, иншооти меъморӣ, тақвими суғдӣ*

*Сухан дар бораи нақши ибодатхонаҳои дини зардуштия дар ташаккули топонимҳои Суғди қадим меравад, зеро топонимика на танҳо бо ҷуғрофия, балки бо фарҳанги моддӣ алоқамандӣ дорад. Яке аз нишонаҳои он мавҷудияти ёдгориҳои меъморӣ, аз қабили қалъа, қӯрғон, ибодатхона, масҷид ва таъсири онҳо ба ташаккули номҳои ҷуғрофӣ мебошад. Ин раванди таърихӣ ҳанӯз аз аҳди қадим оғоз шуда буд. Дар байни ин ёдгориҳои меъморӣ мақоми объектҳои динӣ – маъбаду масҷидҳо хеле калон аст. Қайд гардидааст, ки дар давраи тоисломӣ, вақте ки дини зардуштия паҳн шуда буд, ибодатхонаҳои он ба пайдоиши маҳалҳои нав ва дар навбати худ ташаккул ва рушди топонимҳо мусоидат карданд. Топонимҳои мазкур бо забони суғдӣ сохта шудаанд.*

***Ключевые слова:*** *историческая ономастика, топонимы, зороастризм, поклонение, храм, архитектурное сооружение, согдийский календарь*

*Речь идет о роли зороастрийских храмов в становлении топонимов древнего Согда, потому что топонимика связана не только с географией, но и с материальной*

*культурой. Одним из её признаков является существование архитектурных памятников, в том числе крепостей, курганов, храмов, мечетей, и их влияние на становление географических названий. Этот исторический процесс начался в древний период. Среди подобных архитектурных памятников имеют высокий статус религиозные объекты – храмы, мечети. Отмечено, что в доисламский период, когда была распространена зороастрийская религия, её святилища обусловили появление новых поселений и в свою очередь развитие топонимов. Данные топонимы созданы на согдийском языке.*

***Key-words:*** *historical onomastics, toponym, Zoroastrism, worship, temple, architectural creation, Sughdian calendar*

*The article dwells on the role of of Zoroastrian temples in the formation of toponyms of ancient Sughd because toponymy is associated not only with geography, but with material culture either. One of its signs is an existence of architectural monuments, including fortresses, barrows, temples, mosques and their influence over a formation of geographical names. This historical process began in the ancient period. Among these architectural monuments, objects of religion - temples, mosques - have a great status. In the pre-Islamic period, when Zoroastrian religion was widespread its sanctuaries led to an emergence of new settlements and, in turn to a development of toponyms. These place names are created in Sughdian language.*

Тадқиқоти соҳаи номшиносии таърихӣ нишон медиҳанд, ки бар хилофи номи объектҳои табиӣ тадқиқи номи маҳалҳои аҳолинишин аҳамияти бештар дорад. Зеро дар ин номҳо тамоми ҷиҳатҳои ҳаёти хоҷагидорӣ, фарҳангии ин ё он деҳа, шаҳрак ё шаҳр инъикос ёфтаанд. Бинобар ин муайян кардани он нукта, ки топоним – номи ҷуғрофӣ аз куҷо пайдо шудааст, бо кадом объект, шароит ва ё ҳодисаи таърихӣ марбут аст, аҳамияти калон дорад.

Таърихи инсоният шоҳиди ҳазорҳо мисолҳое мебошад, ки иншоотҳои меъморӣ, аз ҷумла қалъаҳо, қӯрғонҳо, работҳо, биноҳои мадрасаҳо ва масҷидҳо омили асосии пайдоиши номҳои ҷуғрофӣ гардидаанд. Моҳияти ин раванд дар он аст, ки ягон иншооти меъморӣ номи худро бе ягон тағйирот ба ҳамон маҳалле медиҳад, ки дар ҳудуди он бунёд шудааст.

Номи маҳали Аспандиза дар наздикии Самарқанд бо истилоҳи маъмули «диза» сохта шудааст. Калимаи «диз» дар луғатҳо ба маънои «қалъа», «истеҳком», «қӯрғон» омадааст. «Дизах» - ро имрӯзҳо калимаҳои «қалъача» ва «қӯрғонча» иваз кардаанд. Калимаи «диз» дар адабиёти форсу тоҷик бисёр ба чашм мерасад. Калимаи «диз» дар достонҳои «Шоҳнома» -и Абулқосим Фирдавсӣ бештар дар шакли «диж» дучор меояд. Ҳамчунин «диз» ва «диж» дар калимаҳои «дизбон» ва «дижбон», номи шаҳри Қундуз (Куҳандиз) – и Афғонистон, дар топонимҳои Хондиза, Сурхдиза, Савордиз, Дизгон, Дизгирд, Дизах, Дизобод, Шоҳиндиж, Хуррамдиж дар номҳои шаҳру қалъа ва истеҳкомҳои кӯҳии Эрон ба мушоҳида мерасад. Асли пайдоиши калимаи «диз» «дайза» - и эронии қадим мебошад.

Қисмати аввали топоними Аспандиза бо номи рӯзи панҷуми тақвими суғдӣ - «спандармад» иртибот дорад. Ин номи илоҳаи заминӣ аст, ки маънои он «тавозӯи муқаддас» мебошад. Дар ҳамин асос номи деҳа маънои «Қалъа (диза)-и олиҳа Аспан»-ро медиҳад. Номи олиҳа Аспантармат, ки маъбади он дар деҳаи наздикии Ургути имрӯза ҷойгир буд, мақоми ӯро дар байни худоёни суғдӣ барқарор мекунад. Илоҳа Аспантармат махсусан дар Ургут парастида мешуд ва эҳтимол ҳимоятгари ин маҳал ба ҳисоб мерафт.

Номҳои ҷуғрофие ки бо истилоҳи «диз» сохта шудаанд, дар марзи вилояти Бухоро низ мавҷуд буданд. Яке аз онҳо номи деҳаи Вагдиза мебошад. Тафсири ин топоним бо номи деҳаи Багдиза дар Самарқанд якмаъно аст. Дар топонимикаи суғдӣ гурӯҳи топонимҳое

мавҷуд аст, ки дар таркиби худ истилоҳи «баг»-ро дорад, ки маънои он «худо» аст. Дар маҷмӯъ, маънои «вагдиза» ё «багдиза» «қалъаи худо» мебошад. Эҳтимол, дар ҳар ду деҳаи номбаршуда маъбад бахшида ба ҳамон як худо сохта шуда буданд.

Дар Осиёи Миёна топонимҳое мавҷуданд, ки дар таркиби худ истилоҳи «вагн»-ро доранд ва маънои он «маъбад» мебошад. Бо таҳлили истилоҳи мазкур аввалин маротиба В.Б. Ҳеннинг машғул шудааст. Ӯ маънои номи деҳаи Хушуфагнро дар Самарқанд омӯхта буд. Топоними мазкур бо калимаҳои суғдии *γωšω* + *βγn*, сохта шудааст, ки маънои он «Шаш маъбад» ё «Дорандаи шаш маъбад» мебошад (19, 217).

Маҳали мазкур ҳамчунин Катвандиз номида мешуд. Тафсири топоними мазкур «қалъа (ибодатхона) дар бешазори худоофарида» мебошад. Истилоҳи «ван» дар луғати забони паҳлавӣ ба маънии дарахт, ҷангал ё бутта маънидод гаштааст. Ин калима дар таркиби топоними Ванобағ мавҷуд аст, ки ба андешаи А.Мирбобоев, он номи қадимаи шаҳри Хуҷанд аст (9, 45). Мардуми Хуҷанди бостон иде доштанд, ки бо номи «Ҷашни истак» маъруф аст. Ин ҷашн дар ҳафтаҳои идкунии Навруз барпо мешуд. Қадимиён «ван» гуфта як навъ буттаи бедро меномиданд. Дар Хуҷанд ин буттаро истак меномиданд ва он дар соҳили чапи рӯди Сир дар маҳалли беморхонаи дил дар об месабзид. Буттазори истак аз сабаби дар соҳили об сабзидан ва ҳамеша сабз будан мабдаи ситоиш ва парастиш қарор дошт. Ситоиши буттаи беду истак дар замони ориёиҳо низ ба назар расидааст. Чунончи дар ҷараёни ҳафриёти қабристони бошишгоҳи асри биринҷии Саполитеппа, воқеъ дар вилояти Сурхандарёи Ӯзбекистан, дар яке аз қабрҳо майитро дар рӯи «кӯрпа»-и аз навдаҳои истак густурда гузоштаанд (1, 47).

Таҳлили топоним нишон медиҳад, ки дар деҳа дар як вақт шаш ибодатхона қарор доштанд. Мавҷудияти ду ва ё зиёда маъбадҳо дар як деҳа одати муқаррарӣ буд. Масалан, дар Панҷакенти қадим бостоншиносон деворҳои ду маъбади дар як қатор истодаро пайдо карданд (13, 92).

Дар бораи деҳаи Хушуфагн В.В. Бартолд навишта буд: «Деҳаи калон ва бой дар байни Иштиҳон ва Кушония. Дар асри XII «Сари пул» (Рас ал-кантара) номида мешуд ва беҳтарин ҷой дар Суғд ба ҳисоб мерафт» (3, 186). В.В. Бартолд дар масъалаи муайянкунии ҷои ҷойгиршавии Хушуфагн ба Самъонӣ такя кардааст (7, 107).

Аз маълумоти боло бармеояд, ки деҳа дар наздикии пуле қарор дошта, дар паси он маъбадҳо меистоданд. Дар асри XII Хушуфагн ҳамчун маркази динӣ мақоми худро гум карда, тақрибан пас аз як аср бо номи тоҷикии Сарипул ёдрас гаштаст. Ибни Хурдадбеҳ ин деҳаро бо номи «Хушуфакан» ёд намуда ва дар масофаи 8 фарсах дуртар аз Самарқанд қарор доштани онро зикр кардааст (5, 164). Аз ҳамин ҷо роҳ ба сӯи шаҳри Зомини Уструшана мегузашт.

Маҳали Аставагна ба минтақаи Бухоро мансуб буд. Дар номи он шумораи суғдии *«st»* мавҷуд аст, ки маънои он «сад» аст. Қисмати дуюми топонимро истилоҳи маъмули *«fan»* - маъбад ташкил додааст. Дар чунин ҳолат тафсири топоними мазкур чун «Деҳа бо сад маъбад» бармеояд. Аммо чунин тафсир шубҳанок аст. Зеро дар як деҳа мавҷуд будани сад ибодатхона аз имкон берун мебошад.

Барои тафсири ин топонимро пайдо кардан ба тақвими суғдӣ назар андохтан лозим аст. Рӯзи бистушашуми тақвими мазкур *«Arstato»* ном дошт, ки аз номи илоҳаи адлу инсоф ва додрас гирифта шуда, ҳамчунин дар шакли «Аштод» ҳам вомехӯрад. Топоними мазкур дар ҳуҷҷатҳои суғдии кӯҳи Муғ дар шакли Аштодвагна қайд гардидааст (17, 144). Аз ин бармеояд, ки ибодатхона ба илоҳаи номбурда - Аштод (аз Arstat) бахшида шудааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳамин гуна ном дар мавзеъҳои дигар низ дучор мешаванд. Аз ҷумла, мутобиқи маълумоти бойгонии шайхҳои ҷӯйборӣ аз наҳри Харканрӯд канале бароварда шуда буд. Худи канал ва мавзеи атрофи он Аштавагна номида шудааст (6, 231).

Як қатор номҳои ҷуғрофӣ бо истилоҳи «хвар» сохта шудаанд. Хурбагна маҳалли Бухоро буд. Ин ҷо маъбаде қарор дошт, ки ба Офтоб бахшида шуда буд. Асоси топонимро истилоҳоти суғдии «*kvar»* – офтоб ва «*fan»* - маъбад ташкил медиҳанд. Ҳамин гуна топоним дар наздикии шаҳри Нахшаби Суғди Ҷанубӣ мавҷуд буд.

Ду деҳаи дигари ҳамном – Хурмисан дар атрофи Самарқанд ва Бухоро мавҷуд буданд. Ин топонимҳо дар бораи мавҷудияти парастиши худои Офтоб дар навоҳии мухталифи Суғд шаҳодат медиҳанд. Рӯзи ёздаҳуми тақвимҳои суғдӣ ва хоразмӣ ба офтоб бахшида шуда буданд. Топоними мазкур дар ҳуҷҷатҳои суғдии кӯҳи Муғ қайд гардидааст (17, 146).

Мутобиқи маълумоти О.И. Смирнова дар бораи маъбади худои моҳтоб дар Бухоро ривоят мавҷуд буд (13, 95). Ин ҷо сухан дар бораи топоними Хурбагна меравад. Маросими маъбади моҳтоб ду маротиба дар як сол гузаронида мешуд ва ба рӯзи 12-уми моҳ рост меомад. Дар вақти ҷашн ҳайкалчаҳои чӯбини рангкардашуда мефурӯхтанд. Инҳо ҳайкалчаҳои бутҳо буданд. Мардум онҳоро ба ҷои ҳайкалчҳои гумшуда ва ё шикастаи худ мехариданд. Онҳо расми бутҳоро дар дарҳои даромади хонаи худ мекашиданд.

Маросими номбурда дар деҳаи Хурбагна мебоист ба рӯзе рост меомад, ки он ба пуштибонаш бахшида шуда буд. Ин рӯзи 11-уми тақвими суғдӣ буд. Аз ин маълум мешавад, ки тафсири топонимҳои Хурмисан ва Хурбагна ба дини зардуштия алоқамандӣ дорад. Асоси ҳар ду топонимро истилоҳи суғдии «*kvar»* – офтоб ташкил медиҳад. Дар бораи калимаи «бага» дар боло сухан рафта буд. Истилоҳи «митан» асоси шарқиэронии «метан»-ро дорад, ки маънои он «хона» мебошад. Мувофиқи ақидаи О.И. Смирнова компоненти «митон», «метан» барои воҳаи Бухоро хос аст. Вай менависад: «Ин компонент эронии «metan» - «манзил», «хона» буда, дар замони форсии нав *«vetan»* - «ватан» (синоними арабии суғдии *«xvana»* - «манзил», «хона» мебошад» (12, 58).

Дар топонимияи Мовароуннаҳр истилоҳи номбурда ба таври васеъ истифода шудааст. Компоненти мазкур дар забонҳои қадимаи ҳиндӣ ва славянӣ ҳамин гуна маъниро дорад. Аммо Л.С. Толстова топонимҳои бо «митан» сохташударо бо этноними «митан» - қабилаи ӯзбекҳои Зарафшон ва «мюйтен» - қабила қароқалпоқҳои Хоразм, ки дар навбати худ аз номи давлати қадимаи Миттании Байнаннаҳрайни асрҳои XVII-XIII то мелод бармеоянд, марбут медонад (16, 14). Эҳтимол, як қисми топонимҳо бо ин компонент ба ягон этноним ишора мекунанд, аммо алоқаи он бо забонҳои ӯзбекию қароқалпоқию миттанӣ ғайриимкон аст. Вобаста ба фикрҳои боло топоними Хурмисан тафсири «хонаи офтоб»-ро дорад.

Истилоҳи «хвар» дар номи мавзеи Ҳавутак мавҷуд аст. Дар ин ном, ки шакли вайроншудаи Хватак (аслан Хвартак) мебошанд, калимаҳои дутаркибаи қадимиэронӣ (авестоӣ ва суғдӣ)-и «хвар» («ҳур»-и форсӣ-тоҷикӣ) ба маънои «офтоб» ё худ форсии «ҳу/ҳува» - худо вомехӯранд. Маънои қисми дуюми калима – «так» маълум аст, ки форсӣ – тоҷикӣ («таг», «зер») мебошад. Ҳамин тавр, маънии номи мавзеъ «Таҳти офтоб» ном дошта, бо парастиши офтоб алоқамандӣ дорад (10, 75).

Дар давраҳои минбаъда харобаҳои шаҳри куҳан «Нуртеппа» ном гирифт, ки истилоҳи тоҷикист ва маънояш маълум аст. Аз ин маълум мешавад, ки бошандагони мавзеъ анъанаҳои қадимаро нигоҳ доштаанд. Мутобиқи маводҳои бостоншиносӣ шаҳраки Хватак-Нуртеппа ҳамсоли давраи ташаккулёбии забонҳои қадимаи эронӣ ва анъанаҳои фарҳангии ориёӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки парастиши офтоб дар замонҳои қадим дар давлати Миср низ ҷой дошт. Ба шарафи худои офтоб, ки Ра ном дошт, қурбониҳо менамуданд. Фиръавни бузург Аминхотепи IV ислоҳоти динӣ гузаронида, парастиши худои ягонаи офтобро ҷорӣ кард. Ба ин хотир, вайро «Эхнатон» номгузорӣ карданд, ки маънои «Мақбули худои офтоб»-ро дошт.

Аз рӯи маъно бо ҳам шабоҳат доштан, вале шаклан мухталиф будани номҳои ҷуғрофӣ пеш аз ҳама ба замони пайдоиши онҳо ва аз маҳалле, ки яке аз лаҳҷаҳои забони мазкур вақти сохта шудани ном дар он маҳал амал мекард, вобаста аст. Ҷиҳати дигари гуногуншаклии номҳои ҷуғрофӣ бо раванди шакливазкунии номҳо алоқамандӣ дорад, ки дар он ҳолат ном шакли худро дигар мекунад, вале маънои он бетағйир мемонад.

Мутобиқи маълумоти манбаъҳои хаттӣ яке аз шаҳрҳои Суғди Ҷанубӣ бо номи Эскифагн «дар масофаи як фарсах дуртар аз Субах ба сӯи Термиз ҷойгир шуда буд» (2, 52). Аз намуди топоним маълум аст, ки он бо истилоҳи суғдии «фагн» сохта шудааст. О.И. Смирнова навишта буд, ки «калимаи суғдии *βаγin (βγn)* - «маъбад» дар адабиёти ҷуғрофии асри X қайд гардидааст ва Аскивагн аз ҷумлаи онҳо мебошад. Танҳо деҳоте чунин номида мешуданд, ки замоне дар онҳо маъбадҳои худоҳои маҳаллӣ мавҷуд буданд» (14, 225).

Топоними Эскифагн метавонад ду маъно дошта бошад: Искифагн - «Маъбади боло», мафҳумҳои суғдии «иски» - баланд ва «багн» - маъбад ё «Маъбади кухна», ки бо истилоҳоти туркии «эски» - кухна ва суғдии «пагн» - маъбад. Тафсири дуюм метавонад аз он шаҳодат диҳад, ки як қисми муҳоҷирони туркзабони Суғд дар зери таъсири дини зардуштӣ монда буданд.

Деҳаи Рудвагкат (Рудфагкат) дар атрофи Самарқанд ҷойгир шуда буд. Номи он аз се қисм таркиб ёфтааст. Дар назари аввал чунин менамояд, ки қисми якум калимаи тоҷикии «рӯд» - дарё, шохоб мебошад. Ду қисми дигари топоним: *«βγγ»* –худо ва *«kat»* – хона, манзил мебошанд. Дар ҳамин асос О.И. Смирнова ба хулоса омадааст, ки «компоненти аввал – *«rωδ»* суғдӣ буда, маънои «мис»-ро дошта, мутобиқи тангаҳои суғдӣ ба маънии «биринҷӣ» ҳам меояд» (13, 96). Дар ҳолати ба инобат гирифтани андешаи О.И. Смирнова топоними Рудвагкат маънои «Бошишгоҳи худои биринҷӣ»-ро медиҳад. Эҳтимол, дар ибодатхонаи деҳаи Рудвагкат, ки онро «кад» мегуфтанд, ҳайкали биринҷии худо меистод.

Дар номи деҳаи дигари атрофи Самарқанд - Руствагн мафҳуми суғдии «вагн» мавҷуд аст. В.А. Лившитс номи ин деҳаро бо номи мулки Руст пайванд медонад, ки он дар ҳуҷҷатҳои суғдии кӯҳи Муғ қайд гардидааст (15, 157). О.И. Смирнова чунин таҳлилро қабул накардааст. Вай қисмати аввали топонимро бо номи худои қадимиэронии адолат *Rasnaos* алоқаманд кардааст, ки ба шарафи ӯ ибодатхона сохта шудааст. Чунин тафсир қобили қабул аст. Бо номи худои *Rasnaos* ҳамчунин номи вилояти Уструшана марбут аст, ки дар марзи он чанд маъбади оташпаарастон ёфт шудааст.

Деҳа минбаъд Растивагн номида шуд. Аммо топоним маънии аслиашро гум накардааст. Вай ҳамчунин дар ҳуҷҷатҳои вақфии асри XVI ёдрас гардида, мутобиқи онҳо дар соҳили чапи канали Дарғом ҷойгир буд. Дар асрҳои миёна ба воситаи Растивагн роҳи кӯтоҳи Самарқанд-Бухоро мегузашт. Сабаби бунёди ибодатхона дар ин ҷо сердам будани деҳа ва роҳгузарон мебошад.

Яке аз маҳалҳои ниҳоят қадимаи сарзамини Суғд деҳаи имрӯзаи Вогати Истаравшан мебошад. Вай яке аз пунктҳои мустаҳками Усрушана буд, ки онро Бага меномиданд ва имрӯз онро ба Фағкат ё Вағкат (мувофиқи нишондоди Истахрӣ) нисбат медиҳанд (8, 578). Фағкат дар роҳи Бунҷикат – Хуҷанд, тақрибан дар масофаи ду фарсах дуртар аз Ғазак ҷойгир шуда буд. Аввалин бор ба Вогат ҳамчун яке аз маҳалҳои қадимтарин П.С. Скварский ишора кардааст. Вай менависад: «Вогат аз рӯи ривоятҳо аз тарафи наслҳои шоҳ

Каштосиб (Гуштосп) сохта шудааст ва сокинони аввалинаш ҳам худи онҳоянд. Вогатиҳоро имрӯз ҳам каштосбиён мехонанд» (11, 14). В.В. Бартолд ин деҳаро ба Фағкат нисбат медиҳад ва чунин нигоштааст: «Дар ҷои Фагкат деҳаи имрӯзаи Вогат ҷойгир шудааст, ки сокинони онро наслҳои шоҳ Каштосп мегӯянд» (3, 224).

Ҷуғрофидонони арабу форсзабон дар осори худ ин топонимро қайд кардаанд. Истахрӣ онро «Вағкат» номидааст, ки ҳарфи аввали «В» ба варианти ибтидоии он мувофиқат мекунад. Дар «Ҳудуд-ул-олам» он ба шакли «Фағкас» омадааст (17, 71). Дар зери мафҳуми «фағ» ё «бағ» мардуми Фарғонаи қадим ва дигар ноҳияҳо санамро мегуфтанд, ки онро аз чӯб ё гил меофариданд. Фирдавсӣ низ санами рангуборшударо «фағ» гуфтааст. Дар Суғд, Чоч, Фарғона маҳалҳои ҷуғрофие ҳастанд, ки ҳиссаҳои «фағ» ё «бағ» сар мешаванд. Агар Вағкат ва ё Фағкатро айнан маънидод кунем, он «хонаи худо»-ро мефаҳмонад ва ин нишони он аст, ки дар Уструшана яке аз маъбадҳои калонтарин ҷойгир шуда буд.

Чунин маҳалҳо бо маъбадҳо дар навоҳии дигар, аз ҷумла Чочи қадим низ мавҷуд буданд. Яке аз онҳо Динвагнкат ном дошт. Топоними мазкур аз се қисм иборат буда, ҳар як қисмат мутаносибан маънои «дин», «маъбад», «манзил»-ро дорад. Қисми аввали он ба рӯзи 24-уми тақвими суғдӣ ишора мекунад, ки номи он аз истилоҳи авестоии *«daenaya»* - дин баромадааст. Дар бораи ин Берунӣ маълумот додааст. Динвагнкат дар сари роҳи Шутуркат ва Бинкат ҷойгир шуда буд (3, 228). Номи шаҳр ба мавҷудияти ибодатхонаи худои Даёная ишора мекунад.

Ҳамин тариқ, дар заминаи топонимҳои мазкур топографияи ибодатхонаҳои томусулмонии Осиёи Миёнаро муайян кардан мумкин аст. Мисолҳои овардашуда дар бораи мавҷудияти номи ду намуди ибодатхонаҳо бо компонентҳои «маъбад» ва «худо» маълумот медиҳанд.

### ***Пайнавишт:***


1. *Аскаров А. Сапалитеппа. – Ташкент: Фан, 1973. – 172 с.*
2. *Аюбов А.Р. Этническое расселение, историческая география и топонимия Южного Согда эпохи древности и раннего средневековья // Ученые записки (Номаи донишгох) ХГУ имени акад. Б.Г. Гафурова. Серия гуманитарно-общественных наук. – 2017. - №1. - С.52.*
3. *Бартольд В. В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Соч. Т.I. / В.В. Бартольд. – М.: Изд-во вост. лит., 1963 - С.45-586.*
4. *Вяткин В.Л. Материалы к исторической топографии Самаркандского вилайета // Справочная книжка Самаркандской области. Вып. VII. - Самарканд, 1902. – С.35-63.*
5. *Ибн Хордадбех. Книга путей и стран / Перевод с арабского, комментарии, исследование, указатели и карты Наили Велихановой. - Баку: Элм, 1986. - 428 с.*
6. *Иванов П.П. Хозяйство джуйбарских шейхов. К истории феодального землевладения в Средней Азии в XVI-XVII вв. - М.-Л.: АН СССР, 1954. – 379 с.*
7. *Камолиддинов Ш. «Китаб ал-ансаб» Абу Са‘да ‘Абд ал-Карима ибн Мухаммада ас-Сам‘ани как источник по истории и истории культуры Средней Азии. – Ташкент: Издательство «Фан» АН РУз, 1993. – 210 с.*
8. *Лерх П.И. Мавераннагр // Русский энциклопедический словарь профессора И. Н. Березина, отдел III, т. II (X). - СПб., 1875. - С. 577-583.*
9. *Мирбобев А. Нақши ориёиҳо дар тамаддуни ҷаҳонӣ. – Хуҷанд, 2006. – 120 с.*
10. *Негматов Н.Н., Беляева Т.В. Проблема урбанизации Уструшаны (по материалам Нуртепа) // Археология Средней Азии и Ближнего Востока. - Ташкент, 1983.*

11. *Скварский Б.С. Несколько слов о древности Шахристана / Б.С. Скварский // ПТКЛА. - 1896. - Вып. 20. - С.42-49.*
12. *Смирнова О.И. Вопросы исторической топографии и топонимики Верхнего Зеравшана // МИА СССР. - 1950. - №15. - С.56-66.*
13. *Смирнова О.И. Места домусульманских культов Средней Азии // Страны и народы Востока. - 1971. - Вып. 10. - С.90-108.*
14. *Смирнова О.И. Очерки из истории Согда. - М.: Наука, 1970. – 288 с.*
15. *Согдийские документы с горы Муг. Вып. II. Юридические документы и письма. Чтение, перевод и комментарии В.А. Лившица. - М.: Изд-во восточной литературы, 1962. – 224 с.*
16. *Толстова Л.С. Отголоски ранних этапов этногенеза народов Средней Азии в её исторической ономастике // Ономастика Средней Азии. - М.: Наука, 1978. - С.6-15*
17. *Фрейман А.А. Датированные согдийские документы с горы Муг в Таджикистане // Доклады группы востоковедения на сессии Академии наук СССР 20 марта 1953 г. - М.-Л., 1936. - С.137-165.*
18. *Ҳудуд-ул-олам. – Душанбе: Адиб, 2008. – 130 с.*
19. *Gershevitch I. Grammar of Manichean Sogdian. – Oxford: Basil Blackwell, 1954. - 308 p.*

**_Reference Literature:_**

1. *Askarov A. Sapaliteppa. - Tashkent: Science, 1973. - 172 pp.*
2. *Ayubov A.R. Ethnic Settlement, Historical Geography and Toponymy of Southern Sughd in the Era of Antiquity and Early Middle Ages // Scientific Notes (Nomai Donishgoh) of Khujand State University named after academician B.G. Gafurov. Series of Humanities and Social Sciences. – 2017, - No. 1. - P. 52.*
3. *Bartold V.V. Turkestan in the Era of Mongolian Invasion. Composition V.I. / V.V. Barthold. - M.: Publishing-House of Oriental Literature, 1963. - pp. 45-586*
4. *Vyatkin V.L. Materials to the Historical Topography of Samarkand Vilayet // Reference-Book of Samarkand Viloyat. Issue VII. - Samarkand, 1902. - pp. 35-63.*
5. *Ibn Khordadbeh. The Book of Roads and Countries / Translation from Arabic, comments, research, pointers and maps by Nailya Velikhanova. - Baku: Science, 1986. - 428 pp.*
6. *Ivanov P.P. The Economy of Djuybar Sheikhs. On the History of Feudal Land Tenure in Central Asia in the XVI-th – the XVII-th Centuries. - M.-L .: Academy of Sciences of the USSR, 1954. - 379 pp.*
7. *Kamoliddinov Sh. "Kitab al-ansab" by Abu Saumanid ‘Abd al-Karim ibn Muhammad as-Sammoiyani as a Source on the History and History of Culture of Central Asia. - Tashkent: Publishing-house Sceince under the Academy of Sciences of the Republic of Uzbekistan, 1993. - 210 pp.*
8. *Lerkh P.I. Maverannahr // Russian Encyclopedic Dictionary by Professor I.N. Berezin, Section III, Vol. II (X). - SPb., 1875. - pp. 577-583.*
9. *Mirboboev A. Contribution of Aryans to World Civilization. - Khujand, 2006. - 120 pp.*
10. *Negmatov N.N., Belyaeva T.V. The Problem of Urbanization in Ustrushana (based on Nurtepa's materials) // Archeology of Central Asia and the Middle East. - Tashkent, 1983*
11. *Skvarsky B.S. A few Words about the Antiquity of Shahristan / B.S. Skvarsky // PTKLA. - 1896. - Issue. 20. - pp. 42-49.*
12. *Smirnova O.I. Issues of Historical Topography and Toponymy of the Upper Zarafshan // MIA USSR. - 1950. - No. 15. - pp. 56-66.*

13. *Smirnova O.I. Places of pre-Muslim Cults in Central Asia // Countries and Peoples of the East. - 1971. - Issue. 10. - pp. 90-108.*
14. *Smirnova O.I. Essays from the History of Sughd. - M.: Science, 1970. - 288 pp.*
15. *Sughdian Documents from the Mug Mount. Issue II. Legal Documents and Letters. Reading, translation and comments by V.A. Livshits. - M.: Publishing-House of Oriental Literature, 1962. - 224 pp.*
16. *Tolstova L.S. Echoes of the Early Stages of the Ethnogenesis in Regard to the Peoples of Central Asia in its Historical Onomastics // Onomastics of Central Asia. - M.: Science, 1978. - pp. 6-15.*
17. *A.A. Freiman Dated Sogdian Documents from the Mug Mount in Tajikistan // Reports of the Group of Oriental Studies at the Session of the Academy of Sciences of the USSR on March 20, 1953 - M.-L., 1936. - pp. 137-165.*
18. *Ҳudud-ul-olam. - Dushanbe: Man-of-Letters, 2008. - 130 pp.*
19. *Gershevitch I. Grammar of Manichean Sughdian. – Oxford: Basil Blackwell, 1954. - 308 pp.*